**ҲИСОБОТИ**

**муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар нимсолаи аввали соли 2022**

Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд – Комиссия) фаъолияти худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, №1197 «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, № 531 «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, №1004 «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, №593 «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ», фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дастуру супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи фаъолияти Комиссия дар соли 2022, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба роҳ монда, дар соли 2022 дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ корҳои зиёдеро анҷом дода, ба як қатор пешравиҳо ноил гардид:

**Таъсис ва фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ.** Аз ибтидои фаъолияти Комиссия то 30 июни соли 2022 барои таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ (минбаъд–ШД) аз муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба Комиссия 244 дархост ворид гардидааст, ки аз онҳо 115 дархост қонеъ ва 124 дархост бо сабаби ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ҷавобгӯ набудан рад карда шуданд ва 5 дархост дар раванди омӯзиш қарор дорад. То замони аз нав таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ дар ҷумҳурӣ 54 ШД амал мекарданд, ки аз рӯйи 145 ихтисос диссертатсияҳоро барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм қабул ва баррасӣ менамуданд.

Дар ин замина, дар давраи ҳисоботӣ ба Комиссия 81 дархост оид ба аз нав таъсис додани ШД ворид гардид, ки аз ин шумора 63 дархост қонеъ карда шуда, 13 дархост рад карда шуд ва 5 дархост дар баррасии шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия ва шӯроҳои экспертӣ (минбаъд - ШЭ) қарор дорад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ аз 01.01.22 то 01.07.22**

| **Шӯрои диссертатсионӣ** | | **Шуъбаҳои аттестасионӣ** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Табиӣ-математикӣ ва техникӣ | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | Тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, аграрӣ ва байторӣ | |
| | | Таъсис | Тамдид | Таъсис | Тамдид | Таъсис | Тамдид |
| **Ҳамагӣ** | **81** | **21** | **0** | **41** | | **19** | |
| Тасдиқ шуд | **63** | **14** | **0** | **34** | | **15** | |
| Рад карда шуд | **13** | **7** | **0** | **3** | | **3** | |
| Дар баррасӣ | **5** | **0** | **0** | **4** | | **1** | |
| Коркарди иловагӣ | **8** | **0** | **0** | **1** | | **7** | |

Лозим ба ёдоварист, ки Комиссия эҳтиёҷоти воқеии кишварро ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ ба назар гирифта, ба таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисосҳои нодир таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Зеро дар кишвар норасоии мутахассисони ихтисосҳои нодир бештар эҳсос гардида, масъалаи мазкур дар меҳвари аксарияти баромадҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Дар ин робита, то имрӯз аз рӯйи ихтисосҳои 6D060900 – География (6D060901- Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ) дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ; 02.00.00 – Химия (02.00.01 – Химияи ғайриорганикӣ (соҳаи илмҳои техникӣ)) дар назди Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ; 6D060400 – Физика (6D06402 - Физикаи назариявӣ, 6D060407 – Физикаи ҳолатҳои конденсӣ) дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; 6D060400 – Физика (6D060401 - Асбобҳо ва методҳои физикаи таҷрибавӣ), 6D071700 – Энергетикаи ҳароратӣ (6D071703 – Дастгоҳҳои энергетикӣ дар асоси намудҳои барқароршавандаи энергия), 6D061200 – Метеорология (6D061201 - Метеорология, иқлимшиносӣ, агрометеорология) дар назди Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови АМИТ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ; 6D071800 – Энергетикаи

электрикӣ (6D071804 – Системаҳо ва муҷтамаъҳои энергетикӣ) дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ; 6D030303-Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва 6D030304-Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯроҳои диссертатсионӣ таъсис дода шуданд.

Таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ барои баргузор намудани ҳимояи якдафъаинаи диссертатсияҳое, ки аз рӯйи ихтисосҳои онҳо дар ҷумҳурӣ ШД мавҷуд нест, самти дигари фаъолияти Комиссия мебошад. Дар ин самт низ аз ҷониби Комиссия корҳои зиёде анҷом дода шуда, то имрӯз ба Комиссия 131 дархост ворид гардидааст, ки аз он то имрӯз 118 дархост қонеъ карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бошад, аз ҷониби муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар ба Комиссия ҷиҳати ташкили ҳимояи якдафъаина 12 дархост ворид гардида, 7 дархост тасдиқ ва 5 дархост мавриди омӯзиш қарор дорад.

**Таъсиси шӯроҳои экспертӣ (ШЭ).** Баъди ба тасвиб расидани санадҳои нави меъёрии ҳуқуқии Комиссия бо пешниҳоди шуъбаҳои аттестатсионӣ аз ҷониби Раёсати Комиссия 15 ШЭ таҷдид ва ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Дар ин раванд, дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади таъмини баррасии воқеъбинонаи парвандаҳои аттестатсионӣ ба ҳайати 6 ШЭ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

**Оид ба дараҷаҳои илмӣ.** Дар самти ҳимояи диссертатсияҳо, аз ибтидои фаъолияти Комиссия то 30 июни соли 2022 аз шӯроҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ 1588 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ворид шудааст. Аз ин теъдод 124 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1379 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 85 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Аз шумораи умумии парвандаҳои аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои воридшуда 1370 диссертатсия тасдиқ шудааст, ки аз он 115 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1179 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 76 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Дар маҷмуъ, то имрӯз 195 қарорҳои шӯроҳои диссертатсионӣ доир ба додани дараҷаи илмӣ бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи муқарраршуда бекор карда шудааст ва айни ҳол 23 диссертатсия дар баррасии Комиссия қарор дорад.

Бо назардошти муҳим будани масъалаи ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа мувофиқат доштани ҳуҷҷатҳои парвандаҳои аттестатсионии

довталабони дараҷаҳои илмӣ ва аҳамияти нақши котибони илмӣ дар иҷрои расмиёти ҳимояи диссертатсияҳо 12 майи соли 2022 дар Комиссия семинари омӯзишӣ бо котибони илмии шӯроҳои диссертатсионӣ баргузор гардида, дар ҷараёни он мубодилаи муфиди афкор миёни котибони илмӣ ва кормандони масъули Комиссия барпо шуд.

Зимнан, дар нимсолаи аввали соли 2022 275 диссертатсияҳои дар шӯроҳои диссертатсионӣ ҳимоягардида дар Комиссия мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки аз ҷумла 224 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия тасдиқ, 30 парванда рад ва 21 парвандаи дигар дар баррасии шуъбаҳои аттестатсионӣ ва ШЭ қарор доранд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Диссертатсияҳои баррасишуда аз 01.01.22 то 01.07.2022**

| | **Комиссия** | | | | **Шуъбаҳои аттестасионӣ** | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Табиӣ-математикӣ ва техникӣ | | | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | | | Тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, аграрӣ ва байторӣ | | | |
| **Диссертатсияи ҳимояшуда** | **Ҳамагӣ** | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | **Ҳамагӣ** | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | **Ҳамагӣ** | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | **Ҳамагӣ** | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| **Ҳамагӣ** | **275** | **30** | **21** | **224** | **53** | **8** | **2** | **43** | **178** | **19** | **12** | **147** | **44** | **3** | **7** | **34** |
| Тасдиқ шуд | **224** | **27** | **19** | **178** | **45** | **7** | **2** | **36** | **142** | **17** | **11** | **114** | **37** | **3** | **6** | **28** |
| Рад карда шуд | **30** | **1** | | **29** | **7** | | | **7** | **21** | **1** | | **20** | **2** | | | **2** |
| Дар баррасӣ | **21** | **2** | **2** | **17** | **1** | **1** | | | **15** | **1** | **1** | **13** | **5** | | **1** | **4** |

Ҳамин тавр, то 30 июни соли 2022 дар ШД 29 нафар шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Ӯзбекистон, Қазоқистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Туркия ва ғ. (дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ – 19 нафар; самти илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ – 8 нафар ва самти илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ – 2 нафар), 440 нафар занон (172 нафар занҳои синнашон то синни 35 –сола ва 268 нафар аз 35-сола боло), 321 нафар кормандони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва 1208 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, 30 нафар шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ диссертатсия ҳимоя намудаанд.

**Оид ба унвонҳои илмӣ.** Самти дигари асосии фаъолияти Комиссия додани унвонҳои илмӣ мебошад (ҷадвали 3). Дар ин самт низ аз ҷониби Комиссия корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Ҳамин тавр, аз ибтидо то 30 июни соли 2022 ба Комиссия аз тарафи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти

олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 676 дархост (аз ҷумла, 77 дархост барои дарёфти унвони илмии профессор) ворид шудааст, ки аз онҳо 495 дархост қонеъ (55 дархост барои унвони профессорӣ), 156 дархост рад ва 25 дархост дар ҳолати омӯзиш қарор доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ бошад, ба Комиссия аз тарафи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 87 дархост (аз ҷумла, 11 дархост барои дарёфти унвони илмии профессор) ворид шудааст, ки аз онҳо 45 дархост қонеъ (8 дархост барои унвони профессорӣ), 17 дархост рад ва 25 дархост дар ҳолати омӯзиш қарор дорад.

**Ҷадвали 3. Оид ба додани унвонҳои илмӣ аз 01.01.2022 то 01.07.2022**

| | **Комиссия** | | | **Шуъбаҳои аттестатсионӣ** | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Табиӣ-математикӣ ва техникӣ | | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | | Тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ | | |
| **Унвони илмӣ** | **Ҳамагӣ** | Профессор | Дотсент | **Ҳамагӣ** | Профессор | Дотсент | **Ҳамагӣ** | Профессор | Дотсент | **Ҳамагӣ** | Профессор | Дотсент |
| **Ҳамагӣ** | **87** | 11 | 76 | **22** | 2 | 20 | **52** | 4 | 48 | **13** | 5 | 8 |
| **Тасдиқ шуд** | **45** | 8 | 37 | **13** | 2 | 11 | **22** | 1 | 21 | **10** | 5 | 5 |
| **Рад карда шуд** | **17** | 1 | 16 | **5** | | 5 | **11** | 1 | 10 | **1** | | 1 |
| **Дар омӯзиш** | **25** | 2 | 23 | **4** | | 4 | **19** | 2 | 17 | **2** | | 2 |

**Оид ба баробарарзишӣ ва азнаваттестатсиякунонӣ.** Аз ибтидои фаъолият то кунун барои баробарарзишии ҳуҷҷатҳо ба Комиссия 61 дархост ворид гардида, 56 дархости мутобиқи талабот мураттабгардида тасдиқ, 3 дархост рад ва 2 дархост дар раванди омӯзиш қарор дорад. Дар давраи соли ҳисоботӣ бошад, ба Комиссия барои баробарарзишии ҳуҷҷатҳо ва азнаваттестатсиякунонӣ ягон дархост ворид нашудааст.

Барои аз азнаваттестатсиякунонии соҳибони дипломҳои дараҷаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он давлатҳо дар хусуси эътирофи баробарарзишии ин гуна ҳуҷҷатҳо созишнома ба имзо нарасонидааст, аз ибтидо ба Комиссия 6 дархост ворид шудааст, ки аз онҳо 5 дархост тасдиқ гардида, 1 дархост аз баррасӣ бозхонд карда шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки то имрӯз аз ҷониби Комиссия 185 шиносномаи ихтисосҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм ва 82 шиносномаи ихтисосҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос таҳия шуда, бо қарори Раёсати Комиссия тасдиқ гардидаанд, ки ШД ва ШЭ фаъолияти худро аз рӯйи ин шиносномаҳо ба роҳ мондаанд. Зимнан, бинобар аз нав таъсис додани ШД бо дастури Комиссия аз ҷониби масъулин лоиҳаҳои нави шиносномаҳои ихтисосҳои илмӣ пешниҳод шуда истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди илмҳои дақиқ, математикӣ ва техникӣ аз ҷониби шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ - математикӣ ва техникии Комиссия тадбирҳои иловагӣ андешида шуд. Бояд тазаккур дод, ки бинобар нокифоя будани потенсиали илмӣ дар ҷумҳурӣ доир ба баъзе аз ихтисосҳои илмҳои дақиқ, математикӣ ва техникӣ таъсис додани ШД ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар ин гуна ҳолатҳо ин ё он диссертатсияҳое, ки шӯроҳои диссертатсионӣ ҳуқуқи ба ҳимоя қабул карданро надоранд, бо ворид кардани мутахассисон, теъдоди зарурии докторон ё номзадҳои илм, аз дигар муассисаҳои илмӣ ба ҳайати ШД ҳимояи якдафъаина ташкил карда мешавад.

**Антиплагиат.** Дар Комиссия барои муайян намудани асолати диссертатсияҳои воридшуда аз барномаи «Антиплагиат» васеъ истифода мегардад. Истифодаи ин барнома имкон дод, ки ҳолатҳои зиёди асардуздӣ ошкор гардад, ки он як падидаи барои илм нанговар аст. Ҳолатҳои даъвои шаҳрвандони хориҷӣ низ оид ба ҳодисаҳои асардуздӣ ҷой дорад, ки он ба обрӯ ва имиҷи давлату миллат метавонад латма ворид созад. Ахиран, натиҷаи санҷиши диссертатсияҳо тавассути барномаи компютерии «Антиплагиат»-и Комиссия аз як тараф ва муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар аз сӯйи дигар, боиси ба миён омадани баҳсу норозигии зиёд гардида, ба проблемаи ҷиддӣ табдил ёфт, масалан, асолати баъзе диссертатсияҳо 3, 5, 7 ва ахиран 2%-ро ҳам ташкил медоданд.

Комиссия дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тасмим гирифт, ки тибқи хоҳишу дархости довталабон санҷиши диссертатсия ва ё авторефератро тавассути барномаи компютерии «Антиплагиат»-и Комиссия тариқи онлайн роҳандозӣ намояд. Алҳол ин раванд идома дорад.

**Оид ба маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Комиссия таҳия ва мониторинги маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи самти омода кардани докторони фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзадҳои илм ва докторҳои илм ба чоп расонида мешаванд. Дар ин самт низ аз ҷониби Комиссия корҳои муайяне ба сомон расонида шуд. Аз ҷумла, дар давраи ҳисоботӣ 8 дархости муассисаҳои илмӣ-

таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои ворид шудан ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии Комиссия қарор дошта, аз ин шумора 6 дархост тасдиқ ва 2 дархост рад карда шуданд.

Бо мақсади санҷиши мутобиқати муҳтавои маҷаллаҳои илмӣ ба талаботи Қоидаҳои таҳияи Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели соли 2017, №1/2) ба таври мунтазам аз ҷониби шуъбаҳои аттестатсионӣ дар якҷоягӣ бо ШЭ мониторинги муҳтавои маҷаллаҳои илмӣ гузаронида мешавад. Аз ин рӯ, Комиссия тасмим гирифтааст, ки аз нимсолаи дуюми соли 2022 мониторинги тамоми маҷаллаҳои илмии шомили Феҳрастро роҳандозӣ намояд.

**Коркард ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Комиссия.** Яке аз ҳадафҳои таъсиси Комиссия таъмини қонуният, шаффофият, ҳамзамон мустақилияти пурраи Комиссия, аз ҷумла, вобаста набудани он аз дигар сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар самти аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва (ё) илмӣ-техникии тахассуси олӣ мебошад. Бинобар ин, бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти ташкилу амалкарди ниҳоди давлатии мустақил оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва (ё) илмӣ-техникии тахассуси олӣ таъмини заминаи ҳуқуқии шинохту эътирофи Комиссия мақоми аввалиндараҷаро касб намудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади такмил ва ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа мутобиқ намудани фаъолияти Комиссия якчанд санадҳои дохилӣ-меъёрӣ таҳия ва аз тарафи Раёсати Комиссия тасдиқ карда шуд.

**Мукотибот ва муросилот.** Дар давраи ҳисоботӣ аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва дигар ташкилоту идораҳо ба Комиссия 494 мактубу ҳуҷҷатҳои гуногун ворид гардида, ба қайд гирифта шудааст. Аз ин теъдод 73 мактуб аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ ва дигар мақомоти давлатӣ ворид гардидааст. Инчунин, 85 парвандаи аттестатсионӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, 69 парвандаи аттестатсионӣ барои дарёфти унвонҳои илмӣ, 1 парвандаи аттестатсионӣ барои эътироф ва баробарарзиши ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дараҷа ва унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ва 267 мурроҷиатҳои хаттии шахсони воқеӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Аз тарафи Комиссия ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаву ташкилотҳои дохил ва хориҷи кишвар 316 мактубу

пешниҳодҳо ирсол гардидааст. Аз ин шумора 42 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ 220 фармоиш таҳия ва ба расмият даровараа шудааст, ки аз онҳо 185 фармоиш оид ба фаъолияти асосӣ ва 35 фармоиш »ба ҳайати шахсӣ иртибот дорад.

Дар нимсолаи аввали соли равон 203 нафар дипломи дараҷаҳои илмиро ба даст овардаанд, ки аз онҳо 23 нафар ба гирифтани дипломи дараҷаи илмии доктори илм, 11 нафар ба гирифтани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва боқимонда номзади илм мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар назди раиси Комиссия зиёда аз 20 маҷлиси назоратӣ гузаронида шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои ҷории фаъолияти Комиссия ва дигар масъалаҳои марбут ба аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию техникии тахассуси олӣ муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

**Оид ба вазъи молиявӣ.** Дар нимсолаи аввали соли 2022 аз ҳисоби Буҷети ҷумҳуриявӣ мувофиқи «Сметаи даромад ва хароҷот барои соли 2022» ба Комиссия 1 030 050 (як миллиону сӣ ҳазору панҷоҳ) сомонӣ ҷудо карда шуд. Аз ин маблағҳо 953 058 (нуҳсаду панҷову се ҳазору панҷову ҳашт) сомонӣ барои музди меҳнати кормандони Комиссия, харидории молҳои конселярӣ, пардохтҳои коммуналӣ, алоқа ва барои пешбурди соҳа хароҷот шудааст, ки 92,5% нақшаи нимсоларо ташкил медиҳад.

Дар ин давра ба 166 нафар экспертони шӯроҳои экспертӣ маблағи 96 820 (наваду шаш ҳазору ҳаштсаду бист) сомонӣ музди кор барои экспертизаи парвандаҳои аттестатсионӣ ва диссертатсияҳо пардохт карда шудааст.

Мувофиқи Нархномаи хизматрасониҳои давлатии пулакии Комиссия ба суратҳисоби махсуси Комиссия дар нимсолаи аввали соли 2022 маблағи 241 418 (дусаду чилу як ҳазору чорсаду ҳаждаҳ) сомонӣ ворид гардида, 150 884 (яксаду панҷоҳ ҳазору ҳаштсаду ҳаштоду чор) сомонӣ барои харидори намудани захираҳои моддию молӣ, ҳавасмандгардонии кормандон ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ (барзиёдии даромад аз хароҷот ва трансфертҳои асосии дохилӣ ба ташкилотҳои давлатии молиявӣ) хароҷот шудааст, ки 60,5%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, аз ҷониби Комиссия ҳисоботҳои ҳатмии моҳона ва нимсола ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати хазинадории марказии ВМҶТ дар шаҳри Душанбе, нозироти андоз дар ноҳияи И.Сомонӣ, Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ дар ноҳияи И.Сомонӣ ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе сари вақт супорида шуданд.

**Пешниҳод ва вазифагузориҳо:**

- барои таҳқиқоти илмӣ, пеш аз ҳама, мавзуъҳои мубрами созгор ба ҳадафҳои стратегии рушди миллӣ, ҷавобгӯ ба ниёзҳои иқтисоди миллии

мамлакат ва ифодакунандаи манфиатҳои миллию давлатӣ интихоб карда шаванд;

- дарёфти роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби ҳарчи бештари ҷавонони соҳибистеъдод ба таҳқиқот дар самти илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ;

- аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳое, ки дар наздашон шӯроҳои диссертатсионӣ фаъолият мекунанд, талаб карда шавад, ки назоратро аз болои фаъолияти шӯроҳо пурзӯр намуда, ба таври мунтазам ҳисоботи раисони шӯроҳои диссертатсиониро дар маҷлисҳои Шӯрои олимон мавриди баррасӣ ва муҳокимаи ҷиддӣ қарор диҳанд;

- барои пешгирии амалҳои коррупсионӣ, инчунин падидаҳои шиносбозӣ, маҳалгароӣ ва дигар тамоюлҳои барои илм бегонаву нанговар тадбирҳои муассир андешида, падидаҳои бо тақризи тайёр ба назди муқарризон, муассисаи пешбар ҳозир шудани довталабонро бо ҳар роҳе, ки бошад, бояд пешгирӣ намуд;

- диссертатсияҳо дар муассисаҳои илмӣ ба таври ҷиддӣ муҳокима гардида, гузориши довталаб дар ҷаласаҳои кафедра, Шӯрои олимон, муассисаи пешбар шунида, саволу ҷавоб ва мавриди баррасӣ қарор дода шаванд;

- ба навгонии таҳқиқоти илмӣ, робита ва татбиқи он дар истеҳсолот, пешниҳодҳои амалӣ, патенту ихтирооти муаллиф таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад;

- барои тариқи онлайн пахш гардидани ҷараёни ҷаласаҳои шӯроҳои диссертатсионӣ чораҷӯӣ карда шавад.

Бо истифода аз фурсати муносиб сипос ва қаноатмандии хешро аз дастгирии ҳамешагии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соҳаи илму маориф баён дошта, омодагии хешро баҳри татбиқи ҳамаҷонибаи ин сиёсат иброз медорем.